«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи давлатии
омӯзгории Тоҷикистон
ба номи Садриддин Айнӣ
д.и.т., профессор
_____________ Ибодуллозода А.И.
“_05_” ____06_____ соли 2025

# ХУЛОСАИ

**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ оид ба диссертатсияи Комилҷонзода Фирдавс Комилҷон дар мавзуи «Шароитҳои педагогии амалинамоии таълими ҳамгироии фанҳои синфҳои ибтидоӣ зимни ҳалли масъалаҳои математикии матнӣ» аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот**

Диссертатсияи **Комилҷонзода Фирдавс Комилҷон** дар мавзуи «**Шароитҳои педагогии амалинамоии таълими ҳамгироии фанҳои синфҳои ибтидоӣ зимни ҳалли масъалаҳои математикии матнӣ**» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01- Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот, дар кафедраи методикаи таҳсилоти ибтидоии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ иҷро шудааст.

Дар ҷараёни омода намудани диссертатсия Комилҷонзода Фирдавс Комилҷон унвонҷӯи кафедраи методикаи таҳсилоти ибтидоии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ба шумор мерафт.

Комилҷонзода Фирдавс Комилҷон соли 2011 ба факултети механикаю математикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дохил шуда, донишгоҳи мазкурро соли 2016 бо ихтисоси математик хатм намудааст.

Номбурда бо фармоиши ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгори Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ аз 20.12.2020, №787-ОД ба ҳайси унвонҷӯи кафедраи методикаи таҳсилоти ибтидоӣ қабул карда шудааст.

Мавзуи таҳқиқи диссертатсионӣ бо қарори шурои олимони Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, аз 26.12.2020, қарори №5/7.12 тасдиқ шудааст.

Роҳбари илмии унвонҷӯй Худоярзода Ҳусен Худояр номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи методикаи таҳсилоти ибтидоӣ мебошад.

Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ба унвонҷӯй Комилҷонзода Фирдавс Комилҷон 13.02.2025, №04/208 гувоҳномаи супоридани имтиҳонҳои номзадӣ додааст.

Диссертатсияи Комилҷонзода Фирдавс Комилҷон дар ҷаласаи кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ аз. 03.06.2025, №12/1 муҳокима гардидааст. Ба диссертатсия аз ҷониби муқарризон баҳои мусбат дода шуда, пас аз ислоҳи камбудиҳо ба зинаи навбатии ҳимоя тавсия карда шудааст.

Оид ба натиҷаи баррасии диссертатсия дар мавзуи «**Шароитҳои педагогии амалинамоии таълими ҳамгироии фанҳои синфҳои ибтидоӣ зимни ҳалли масъалаҳои математикии матнӣ**» чунин хулоса қабул карда шуд:

**Мутобиқати ихтисос ва номи мавзуъ ба шиносномаи ихтисос ва муҳтавои диссертатсия:**

Мавзуъ ва мазмуни диссертатсия ба бандҳои зерини шиносномаи ихтисоси илмии 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мувофиқ мебошад:

*банди 2* – Асосҳои назариявии истифодаи технологияҳои педагогии нав ва системаи методии таълим дар асоси технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ, дар зинаҳои гуногуни таълими фанни математика рушди хонандаро таъмин менамоянд;

*банди 3* - «Антропологияи педагогӣ» (низомҳои / шароитҳои / рушди шахс дар ҷараёни таълим, тарбия, таҳсилот);

*банди 4* - «Назария ва консепсияи таълим» (қонуниятҳо, принсипҳои таълими бачагон дар давраҳои гуногуни бавоярасии онҳо; навъҳо ва амсилаҳои таълим, ҳудудҳои истифодаи онҳо; вижагиҳои таълим дар сатҳҳои мухталифи таҳсилот);

*банди 7* - «Педагогикаи амалӣ» (фаъолияти озмоишию таҷрибавии муассисаҳои таълимӣ) мувофиқат мекунад;

*банди 8* - Назария ва амалияи коркарди стандартҳои давлатии таълими зинаҳо ва соҳаҳои гуногуни таълими фанни математика;

*банди 28* - Асосҳои назариявию методологии коркард ва истифодаи таъмини илмӣ-методии системаҳои таълими педагогӣ, ки имкониятҳои иттилоотию коммуникатсиониро амалӣ мегардонанд;

*банди 29* - Масъалаҳои мураттабсозии мазмун, усулҳо ва шаклҳои ташкилкунии таълим ва тарбия аз фанни математика дар шароити муосири ҷамъияти иттилоотӣ ва коммуникатсияи ҷаҳонишавӣ.

Мувофиқи натиҷаҳои баррасигардидаи диссертатсия таҳти унвони «**Шароитҳои педагогии амалинамоии таълими ҳамгироии фанҳои синфҳои ибтидоӣ зимни ҳалли масъалаҳои математикии матнӣ**» таҳқиқоти илмии ба охир расида ҳисобида шуда, ҳаҷм, арзишҳои назариявӣ ва амалии он ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад. Муаллифи он сазовори соҳиб шудан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01- педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мебошад.

**Алоқамандии мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар ҷумҳурӣ:**

Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи татбиқи нақшаи дурнамои корҳои илмӣ-таҳқиқотии фанҳои педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва маориф, методикаи таҳқиқоти педагогӣ дар мавзуи «Шароитҳои дидактикии рушди худбаҳодиҳии хонандагони синфҳои болоӣ дар раванди фаъолияти берунаӟсинфӣ» ва талаботи асосии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», «Консепсияи миллии таҳсилот», «Консепсияи миллии тарбия» ва барномаи корҳои берунаӟсинфию нақшаи таълиму тарбия дар мактабҳои таҳсилоти умумӣ анҷом дода шудааст.

Асосҳои педагогии амалисозии таълими ҳамгироии фанҳо дар синфҳои ибтидоӣ зимни ҳалли масъалаҳои математикии матнӣ бо дарназардошти мазмун ва муҳтавои асноду далелҳо, инчунин тавассути таҳлили

сарчашмаҳои илмӣ, педагогӣ, методӣ ва психологиявӣ дар шароити пажӯҳиш ва худомӯзии мустақилона мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор дода шудаанд.

**Мутобиқати теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илми ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он:**

Боиси тазаккур аст, ки аз тарафи диссертант вобаста ба мавзуи таҳқиқотӣ 24 мақолаҳои илмӣ, ки аз он 6 мақолаи илмӣ дар нашрияҳои бонуфузи тавсияшудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 18 мақолаи илмӣ дар конфронсҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ ба нашр расонида шудааст.

**Мавҷудияти санадҳои тасдиқкунандаи татбиқи натиҷаҳои илмӣ дар истеҳсолот ё имконияти татбиқ намудани онҳо:**

Дар муқаддимаи рисола мубрамияти мавзӯи таҳқиқот, сатҳи омӯзиш ва навгонии илмии он асоснок гардида, аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ, нуктаҳои пешниҳодшаванда барои ҳимоя, инчунин самтҳои татбиқи натиҷаҳои таҳқиқотӣ инъикос ёфтаанд. Ҳамзамон, барои тасдиқи татбиқи амалии натиҷаҳои илмӣ дар муҳити таҳсилот ва идоракунӣ, ҳуҷҷатҳои расмии дахлдор, аз ҷумла хулосаҳои коршиносӣ, тавсияномаҳо, шарҳномаҳо, санадҳои таҷрибавии татбиқ ва санадҳои ҷорӣ намудани натиҷаҳо дар амалия пешниҳод гардидаанд, ки самаранокии истифодаи онҳо дар равандҳои таълимӣ, методӣ ва идоракунӣ шаҳодат медиҳанд.

**Саҳми довталаб дар иҷрои таҳқиқи диссертатсионӣ :**

*Таҳлили таҳқиқоти гузаронидаи Комилҷонзода Фирдавс ба хулосае овард, ки саҳми шахсии довталаб дар таҳқиқоти мазкур бо* иштироки бевоситаи муаллиф дар ҳамаи марҳилаҳои таҳқиқот, дар масъалаҳои таҳлилии кори илмӣ, гирд овардани мавод ва таҳлили амиқи адабиёти илмӣ, шарҳу тафсир ва муқоисаи назарияҳои олимони соҳа; коркарди мушоҳида ва таҷрибаву озмоиш бо зикри натиҷаҳои ноилшуда; таҳқиқ намудани сохтор ва мундариҷаи корбарӣ бо муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон; коркарди методҳои интихоб ва таркиб додани масъалаҳои математикии матнӣ; коркарди методҳои ташкили фаъолияти таълимӣ-маърифатии хонандагони синфҳои ибтидоӣ зимни ҳалли масъалаҳои математикии матнӣ; таҳияи меъёрҳои самаранокии методҳои

коркардшудаи ҳалли масъалаҳои математикии матнӣ; амалӣ намудани кори таҷрибавию озмоишӣ, мавриди таҳлил ва арзёбӣ қарор додани натиҷаи корҳои таҳқиқотӣ; интишори мақолаҳои илмӣ доир ба мавзуи таҳқиқот амалӣ гардидааст.

Натиҷаи корҳои озмоишӣ дар анҷоми ҳар як марҳила таҳлилу ҷамъбаст гардида, мақолаҳои зерин дар нашрияҳои илмии тақризшаванда чопнамудаи унвонҷуӣ мазмуни рисоларо фаро мегиранд:

Диссертатсияи **Комилҷонзода Фирдавс Комилҷон** дар мавзуи «**Шароитҳои педагогии амалинамоии таълими ҳамгироии фанҳои синфҳои ибтидоӣ зимни ҳалли масъалаҳои математикии матнӣ**» ба ихтисоси 13.00.01- педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот, пурра мувофиқат мекунад.

Мавзуи диссертатсия ба бандҳои зерини шиносномаи ихтисосҳои илмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 мутобиқат менамояд.

Диссертатсияи **Комилҷонзода Фирдавс Комилҷон** аз муқаддима, 2 боб, 5 параграф, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Вобаста ба мавзӯъ ва масоили таҳқиқи диссертатсионӣ 24 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 6 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои илмие, ки ба феҳристи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон шомиланд, нашр гардидааст. Ҳаҷми умумии онҳо 8,9 ҷузъи чопиро ташкил медиҳад.

Мундариҷаи асосии таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия дар таълифоти зерини муаллиф инъикос ёфтааст:

I. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷалаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд:

1. **Буриев, Ф.К.** Моҳияти омӯзиши ҳалли масъалаҳои матнӣ дар раванди таълими математикаи синфҳои ибтидоӣ. / ISSN 2074-1847. Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2021. №3. - С. 253-260.
2. **Буриев, Ф.К, Бегимов Ҳ.Х.** Омӯзонидани ҳалли масъалаҳои математикии матнӣ дар синфҳои ибтидоӣ. / ISSN 2074-1847. Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2022. №2. - С. 284-293.

3. **Буриев, Ф.К.** Амалисозии мафҳуми ҳамгироии байнифаннӣ ва хусусиятҳои он дар раванди таълими математикаи хонандагони синфҳои ибтидоӣ. / ISSN 2617-5320. Паёми пажуҳишгоҳи рушди маориф. №1(41). –Душанбе, 2023. - С. 172-181.
4. **Буриев, Ф.К.** Методҳои омӯзонидани масъалаҳои матнӣ дар дарсҳои математикаи синфҳои ибтидоӣ. / ISSN 2222-9809. Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. №4(54). –Душанбе, 2024. - С. 246-254.
5. **Буриев, Ф.К.** Ташаккули салоҳиятҳои моделонии математикӣ дар раванди ҳалли масъалаҳои матнии хонандагони синфҳои ибтидоӣ. / ISSN 2074-1847. Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2024. №2. - С. 242-249.
6. **Буриев, Ф.К.** Татбиқи омодагии математикии хонандагони синфҳои ибтидоӣ зимни ҳалли мустақилонаи масъалаҳои матнӣ. / ISSN 2074-1847. Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2025. №1. - С. 287-292.

II. Мақолаҳо ва фишурдаи интишорот дар маҷмуаҳои дигар:

1. **Буриев, Ф.К.** Ташаккули баъзе салоҳиятҳои математикӣ-методии донишҷӯён ҳангоми омӯзиши фанни “Назария ва практикуми ҳалли масъалаҳои матнии математикӣ” дар шуъбаи таҳсилоти ибтидоӣ. // Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи “Таълими салоҳиятнокӣ дар тайёрии касбии омӯзгорони фанҳои умумитехникӣ” бахшида ба соли рушди сайёҳӣ, ҳунарҳои мардумӣ ва мақоми байналмилалӣ гирифтани чакан. – Душанбе, 2019. - С. 95-99.
2. **Буриев, Ф.К.** Моҳияти омӯзиши ҷараёни ҳалли масъалаҳои матнӣ дар дар синфҳои ибтидоӣ. // Маводи конференсияи илмӣ-методии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи “Масъалаҳои тамоили салоҳиятнокӣ дар раванди таълими фанҳои тахассусии синфҳои ибтидоӣ”. – Душанбе, 2019. - С. 32-37.
3. **Буриев, Ф.К.** Ташаккули маҳорати ҳалли масъалаҳои сода дар раванди таълими масъалаҳои таркибии математикаи синфҳои ибтидоӣ. // Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҳайати профессорон ва омӯзгорон, докторантону магистрон ва донишҷӯёни ДДОТ ба номи С. Айнӣ бахшида ба 20-солаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф (солҳои 2020-2040), 30-солагии Истиқлолияти давлатии ҷумҳурии Тоҷикистон, 90-солагии ДДОТ ба номи С. Айнӣ ва ба ихтиёри Қаҳрамони Тоҷикистон Садриддин Айнӣ. – Душанбе, 2021. - С. 108-110.
4. **Буриев, Ф.К.** Моҳияти омӯзиши ҷараёни ҳалли масъалаҳои матнии математикӣ дар раванди таълими синфҳои ибтидоӣ. / Проблемаҳои муосири

методикаи таълими математика ва фанҳои табиӣ. Маводи маҷмӯаи илмӣ-амалӣ бахшида ба 70-солагии дотсенти кафедраи методикаи таълими математика М. Маҳкамов ва 60-солагии кафедраи методикаи таълими математика. – Душанбе, 2021. - С. 107-110.

5. **Буриев, Ф.К.** Мафҳум ва хусусиятҳои муҳими омӯзиши моделсозӣ дар ҳалли масъалаҳои матнии арифметикӣ дар синфҳои ибтидоӣ. // Маводи конференсияи илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи “Рушди таҳсилоти томактабӣ дар 30-соли истиқлолият”. – Душанбе, 2021. - С. 236-239.
6. **Буриев, Ф.К.** Ташаккулёбии ҳалли масъалаҳои матнӣ дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ. // Нақши ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ дар тарбияи кадрҳои омӯзгорӣ ва рушди низоми маориф. Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ бахшида ба 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 90-солагии ДДОТ ба номи С. Айнӣ. – Душанбе, 2021. - С. 178-181.
7. **Буриев, Ф.К.** Методикаи ташаккули маҳорат ва малакаҳои ҳалли масъалаҳои матнӣ ҳангоми дарси математика дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ. // Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи “Проблемаҳои муосири илмҳои табиатшиносию риёзӣ ва методикаи таълими онҳо дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ” бахшида ба 20-солаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф (солҳои 2020-2040), 50-солагии факултети физика ва 90-солагии ДДОТ ба номи С. Айнӣ. – Душанбе, 2021. - С. 191-195.
8. **Буриев,Ф.К.** Асосҳои назариявии таълими масъалаҳои матнӣ дар курси математикаи синфҳои ибтидоӣ. // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалии ҳайати профессорон ва омӯзгорон бахшида ба 30-солагии Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 90-солагии ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ таҳти унвони “Оила ва фарҳанги оиладорӣ дар ҷомеаи муосир”. – Душанбе, 2021. - С. 262-265.
9. **Буриев, Ф.К.** Истифодаи маҳорат ва малакаҳои тартибдиҳии масъалаҳои содда оид ба амалҳои ҷамъу тарҳ дар синфҳои ибтидоӣ. // Материалы международной научно-практической интернет конференции “Евразийской пространство в мировой цивилизации”. – Нур-Султан: 2021. - С. 60-63.
10. **Буриев, Ф.К.** Методикаи омӯзонидани масъалаҳои содда дар синфҳои ибтидоӣ. // Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи “Нақши илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар омодасозии кадрҳои муосири илмӣ, омӯзгорӣ ва муҳандисӣ” бахшида ба 20-солаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф

(солҳои 2020-2040), 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 90-солагии ДДОТ ба номи С. Айнӣ. – Душанбе, 2022. - С. 255-258.

11. **Буриев, Ф.К.** Табдилдиҳии масъалаҳои математикии матнӣ дар раванди дарсҳои математикаи синфҳои ибтидоӣ. // Маводи конференсияи илмӣ-методии байналмилалӣ дар мавзуи "Нақши илмҳои табиӣ риёзӣ ва методикаи таълими онҳо дар раванди саноатикунонии босуръати кишвар" бахшида ба амалигардонии "20-солаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф (солҳои 2020-2040)", инчунин ҳадафи чоруми стратегияи миллӣ-саноатикунонии босуръати кишвар. – Душанбе, 2022. - С. 284-292.
12. **Буриев, Ф.К**. Нақши тарбиявии ҳалли масъалаҳои матнӣ дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ. // Маводи конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзуи "Таҳлили комплексӣ ва тадбиқҳои он" бахшида ба "20-солаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф" 75-солагии Корманди шоистаи Тоҷикистон, Узви вобастаи АМИТ, доктори илмҳои физикаю математика, профессор И.Қ. Қурбонов ва 70-солагии доктори илмҳои физикаю математика, профессор Ҷ.С. Сафаров (19 ноябри соли 2022) – Бохтар, 2022. - С. 283-286.
13. **Буриев, Ф.К**. Моҳияти омӯзиши ҳалли масъалаҳои матнӣ дар раванди дарси математикаи синфҳои ибтидоӣ. // Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҳайати профессорону омӯзгорон, докторантону магистрон ва донишҷӯёни ДДОТ ба номи С. Айнӣ бахшида ба рӯзи илми тоҷик, 20-солагии омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф (солҳои 2020-2040), солҳои рушди саноат (солҳои 2022-2026) ва 30-солагии Иҷлосияи XVI Шӯрои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (14-19 апрели соли 2022). – Душанбе, 2022. - С. 98-101.
14. **Буриев, Ф.К**. Масъалаҳои матнӣ ва ҳалли онҳо тавассути маводи алгебравӣ дар раванди дарсҳои математикаи синфҳои ибтидоӣ. // Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи "Нақши таълими фанҳои умумумитехникӣ. дар рушди саноатикунонии ҷумҳурӣ" бахш ба 25-солагии Ваҳдати миллӣ, 30-солагии Иҷлосияи 16-уми тақдирсози Шӯрои олии ҶТ ва 75-солагии устоди кафедраи методикаи технология ва соҳибкорӣ Сайфуддинов М." – Душанбе, 2023. - С. 45-50.
15. **Буриев, Ф.К**. Асосҳои методии ташаккули зеҳнии математикии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар раванди ҳалли супоришҳои гуногуни таълимӣ. // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзуи "Усулҳои таълими инноватсионӣ ҳамчун воситаи рушди зеҳнии

хонандагону донишҷӯён”. – Душанбе, Матбааи Академияи идоракунии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2023. - С. 99-103.

16. **Буриев, Ф.К**. Имконияти ташаккули маҳорат ва малакаҳои моделонии математикии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар раванди ҳалли масъалаҳои матнӣ. // Маводи конференсияи байналмилалӣ дар мавзуи “Таъмини баробарҳуқуқии кӯдакони имкониятошон маҳдуд дар таълим, мушкилот ва роҳҳои ҳалли он дар ҷомеа”. – Душанбе, 2023. - С. 319-327
17. **Буриев, Ф.К**. Мафҳуми масъалаҳои матнӣ дар таълими математикаи синфҳои ибтидоӣ. // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи “Муаммои муосири илмҳои дақиқ дар омода намудани мутахассисони баландихтисоси соҳаи маориф, илм ва техника” (бахшида ба “20-солагии омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф”, “Ҳадафи чоруми миллӣ-саноаткунонии бо суръати кишвар” ва 90-сологии фаъолияти кафедраи физикаи умумӣ). – Душанбе, 2023. - С. 318-325.
18. ***Буриев, Ф.К***. Ташаккули малака ва маҳорати ҳалли масъалаҳои матнӣ дар раванди дарси математикаи синфҳои ибтидоӣ. // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи “Асосҳои назариявӣ-методологии омодагии касбӣ-методии омӯзгорони оянда дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ тавассути технологияи муосир” бахшада ба 30-солагии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2024 “Соли маърифатии ҳуқуқӣ” ва 70-солагии доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи методикаи таҳсилоти ибтидоӣ Раҷабов Тағоймурод Бобоқулович дар доираи татбиқи барномаи “Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф (солҳои 2020-2040). - Душанбе, 2024. - С. 180-184.

Ҷаласа қарор кард:

1. Диссертатсияи **Комилҷонзода Фирдавс Комилҷон** дар мавзуи «**Шароитҳои педагогии амалинамоии таълими ҳамгироии фанҳои синфҳои ибтидоӣ зимни ҳалли масъалаҳои математикии матнӣ**» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот, кори таҳқиқии анҷомёфта ҳисобида шавад.

2. Диссертатсияи **Комилҷонзода Фирдавс Комилҷон** дар мавзуи «**Шароитҳои педагогии амалинамоии таълими ҳамгироии фанҳои**

**синфҳои ибтидоӣ зимни ҳалли масъалаҳои математикии матнӣ**» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот, бо назардошти ислоҳи эродҳои гирифташуда барои ҳимоя дар шурои диссертатсионии 6D.KOA-077 Академияи таҳсилоти Тоҷикистон тавсия дода шавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ қабул гардидааст:

Иштирок доштанд: 14 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: “тарафдор” - 14 нафар, “зид” - нест, “бетараф” – нест.

Раиси ҷаласа, мудири кафедраи
умумидонишгоҳии педагогикаи
ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ,
номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Мансурова Ҷ. С.

Котиби ҷаласа: Арбобова Ф.А.

Имзоҳои дотсент Мансурова ва дотсент Арбобова Ф.А.-ро тасдиқ менамоям.

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси ДДОТ ба номи С. Айнӣ А. Мустафозода

**Маълумот барои тамос:**

734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121;
Тел: +992 (37) 224 13 83,
E-mail: info@tgpu.tj, www.tgpu.tj.